«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илми филология, профессор
_____ Гулназарзода Ж. Б.
«24» августи соли 2022

Тақризи

муассисаи пешбар ба диссертатсияи номзадии Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм. Диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)» ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мутобиқат менамояд.

Мавриди зикр аст, ки дар шеъри тоҷикии замони Истиқлол муҳтаво дигаргун гашта, мафҳумҳое, ба монанди миллат, давлат, забон, Ваҳдат, Истиқлол, ҳувияти миллӣ, ҳофизаи таърихӣ ва монанди инҳо маънои нав касб карданд. Адабиёти бадеӣ низ дар ин марҳалаи басо муҳимми таърихӣ характери миллӣ гирифта, ба зиёёну равшанфикрон, шоирону нависандагон ва тамоми эҷодкорону адибон рӯҳи тавоно бахшида, таваҷҷуҳ ба ҳувияти миллӣ, худшиносии миллӣ ва худогоҳию меҳанпарастӣ дар эҷодиёти онҳо зуҳур намуд. Хусусан, дар назми тоҷик ҷунбиши хоссаи фикрӣ ба амал омад, ки нишонаҳои он дар шеърҳои озодандешонаи шоирон бармало мушоҳида мешавад. Лирикаи иҷтимоӣ беш аз даврони дигар рушд кард. Дар ин давра шоирону адибони маъруфу машҳур ва номовару навовар ба саҳни адабиёт қадам

гузоштаанд, ки осори гаронмояи онҳо таҷассумгари ормонҳои миллию умумиинсонӣ ҳастанд. Яке аз чунин шоирони маъруфу андешапарвар ва хушсалиқа, ки дар солҳои ҳаштодуми асри XX ба саҳни адабиёти тоҷик гомҳои устувор ниҳода, дар замони Истиқлол ҳамчун шоири баркамол ва устод эътироф гардид, Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Мирзо Турсунзода, Ҷоизаи байналмилалии Ялдо Рустам Ваҳҳобзода мебошад. Р. Ваҳҳобзода шоири меҳандӯсту ваҳдатсаро буда, дар ашъори ғиноии ӯ мавзуъҳои муҳаббату маҳбубияти Ватан, даъват ба Ваҳдату иттиҳод, ҳувияти миллӣ, худшиносию худогоҳии миллӣ, некию ростӣ, илму ҳунар, аз байн бурдани маҳалгароию бегонапарстӣ ва ифротгаро̄й, арҷ гузоштан ба суннатҳои қадимаи тоҷикон, васфи арзишҳои муқаддаси миллӣ, ситоиши қаҳрамонҳои асотирию таърихии тоҷикон, пос доштани забони ноби тоҷикӣ инъикос шудаанд. Ҳар кадом аз мавзуъҳои зикргардида дар шеърҳои ҷудогонаи шоир бо такя ба бори муайяни ғоявӣ матраҳ гардида, дар умум, хусусиятҳои махсуси ғоявию бадеиро ба намоиш гузоштаанд.

Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он. Консепсияи умумии диссертатсия, сохтори он, дараҷаи дарки масъалаҳои дар он тадқиқшуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми довталаби дараҷаи илмӣ ва нуқтаи назари ӯро перомуни мавзуи тадқиқ инъикос мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар омӯзиши назарияҳои олимони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия, таҳлилу баррасӣ ва баҳсҳои ҷолиб дар атрофи эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода ҳамчун яке аз намояндагони насли нави адибон, фаъолияти дуҷонибаи ӯ ҳам дар шоирӣ ва ҳам нақду адабиётшиносӣ доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ ба шумор рафта, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст.

Муаллиф дар таҳияи равиши илмии баррасии масъалаҳо, ҷустуҷӯ, таҳқиқи масъалаҳои асосии лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода: ватан ва ватандорӣ, ҳофизаи таърихӣ, ҳувият ва худшиносӣ, васфи арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ ва амсоли инҳо, пешниҳоди маълумот барои тадқиқот, интихоби мавод, интишори натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри сарчашма фаъолона иштирок намудааст.

Таҳқиқи мазкур, ки дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст, заҳмати чандинсолаи муаллиф мебошад.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, аз баррасии бобҳо натиҷаҳои мушаххаси илмӣ ба даст омадаанд. Боби аввали диссертатсия «Ҳаёт ва эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода» унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Фасли сеюм ба се зерфасл ва зерфасли сеюм боз ба панҷ бахш тақсим мешавад. Дар фасли аввали боби якум зиндагиномаи шоир, замону макони таваллуд, вазъи муҳити оилавӣ, нуфузи хонаводагӣ, гузаштагони шоир, нақши муҳити хонаводагии фарҳангӣ дар ҳаёт ва кору фаъолияти эҷодии минбаъдаи шоир, айёми ҷавонию донишҷӯй, омилҳои таъсиррасони манбаи дониш ва эҷод, фаъолияти эҷодии ӯ ва ғайра мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар ин боб муҳаққиқ ба пажӯҳиши адабиётшиносон М. Шакурӣ, А. Сатторзода ва Абдушукури Абдусаттор такя карда, андешаҳои худро асоснок месозад, ки комилан дақиқ мебошанд. Мавзуъбандии боб, масъалагузориҳо, ҳалли масоил ва натиҷагириҳои боби мазкур мувофиқи мақсад аст. Муҳаққиқ дар интиҳои ҳар як боб ба хулосаҳои мушаххас омадааст, ки ин яке аз сифатҳои хуби кори илмӣ маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, муаллиф дар мавриди мақом ва ҷойгоҳи шеъри нав дар ашъори Р. Ваҳҳобзода чунин хулоса мебарорад, ки “ӯ ба навъҳои шеърии нав таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, дар қолабҳои арӯзи озод(шеъри нимоӣ) ва шеъри сафед (шеъри шомлуӣ) низ шеърҳои хуби мондагор эҷод кардааст. Вай дар гуфтани

шеъри нав аз таҷрибаи шоирони муосири тоҷик дар аввали садаи бистум, аз устод С. Айнӣ сар карда, то Абулқосим Лоҳутию Ҳабиб Юсуфӣ ва Пайрав Сулаймонӣ, баъдан аз эҷодиёти М. Турсунзода, Ғ. Мирзо, М. Қаноат, Лоиқ, Б. Собир, Гулрухсор, аз як тараф, таҷрибаи шоирони навпардози хориҷӣ, аз ҷумла, шоирони Эрону Афғонистон, аз ҷониби дигар, истифода карда, муваффақ шудааст" (саҳ. 61). Дар фасли дуюми боби якум – «Фаъолияти адабӣ»-и Рустам Ваҳҳобзода» – масъалаҳои алоқаманд ба таърихи эҷоди нахустин шеъри шоир аз давраи талабагию донишҷӯй то шоири баркамолу устоди сухан шудани шоир, ашъори пурмаҳтавои дар жанрҳои гуногуни суннатию шеъри нав сурудаи шоир, ки дар маҷмуаҳои ҷудогона чоп шудаанд, ба таври муфассал таҳқиқ шудаанд. Фасли сеюми боби якум, ки «Ваҷҳаи шоирии Рустам Ваҳҳобзода», номгузорӣ шудааст, аз се зерфасл иборат аст. Фаслҳо ба тартиб ба таҳқиқи манзумаҳо, шеъри нав ва ашъори суннатӣ оиданд. Дар ин фаслҳо масъалаҳои махсусияти муҳимми коргоҳи эҷодии Рустам Ваҳҳобзода ҳамчун шоири баркамол ва соҳиби равиши хос дар шеъру шоирӣ, андешаи адибону муҳаққиқон оид ба шеъри шоир ва муваффақиятҳои беназири шоир дар жанрҳои суннатию шеъри нав таҳқиқ шудаанд. Боби дуюми диссертатсия «Мавқеи Рустам Ваҳҳобзода дар лирикаи иҷтимоии муосир» унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Фаслҳо ба таҳқиқи масъалаҳои «андешаҳои адабию эстетикӣ дар лирикаи Рустам Ваҳҳобзода», «масъалаҳои асосии лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода» ва «лирикаи медитативӣ-тасвирӣ» бахшида шудаанд. Аз баррасиҳои алоқаманд ба баҳси «Андешаҳои адабию эстетикӣ дар лирикаи Рустам Ваҳҳобзода» маълум мешавад, ки Р. Ваҳҳобзода дар офариниши шеър, махсусан дар ашъори ғиноии хеш, ба зебоии ҳаёт ва фалсафаи ҳастӣ диққати махсус зоҳир карда, бо андешаҳои тозаю рангин ва тарҳи мавзуъ ва мазмунҳои дархури замон андешаҳое баён кардааст, ки дар кул ба ҳузури андешаҳои адабию

эстетикӣ дар лирикаи иҷтимоии вай гувоҳӣ медиҳанд. Бинобар ин, дар ин бахш андешаҳои адабию эстетикии матраҳ дар эҷодиёти шоир, ба мисли истеъдоди худододӣ ва табъи суханваронро аз таъсиру таҷаллии каломи илоҳӣ ва Қуръону ҳадисҳо донистани адабиётшиносон таҳқиқ шудаанд. Фасли дуюми боби дуюм «Масъалаҳои асосии лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода» ном дошта, аз чор зерфасл иборат аст, ки ба баррасии масъалаҳои асосии лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода Ватан ва ватандорӣ; ҳофизаи таърихӣ; ҳувият ва худшиносӣ; васфи арзишҳои муқаддаси миллӣ бахшида шудаанд. Дар зерфасли алоқаманд ба мавзуи Ватан ва ватандорӣ дар коргоҳи эҷодии Р. Ваҳҳобзода ин масъала аз назари дар ҳама вазъу ҳол дар ҷойи аввал қарор доштани мавзуъ баррасӣ мегардад. Масъалаи ватан ва ватандорӣ дар эҷодиёти Р. Ваҳҳобзода паҳнои васеъ дошта, аз оғози ба шоирӣ пардохтани ӯ то кунун зина ба зина идома дошта, аз шеър ба шеъре уфуқҳои тоза касб мекунад. Дар бахши ин фасл андешаи шоирону донишмандон аз вижагии шеъри Р. Ваҳҳобзода, аз нигоҳи тарзи баён ва тафаккуру тахайюли шоирона, мушоҳидаю тасвирҳои ӯро, ки махсуси худи ӯ дарёфтаанд, баён мегардад. Дар зерфасли сеюм мавзуи ҳувият ва худшиносӣ бо таваҷҷуҳ ба афкору андеша, диди хештаншиносию худогоҳӣ, дарки ҳувияту армонҳои миллӣ дар андешаи шоирону адибон ва ҳукамову бузургон таҳқиқ шудааст. Ба назари Р. Ваҳҳобзода, ҳувият дар адабиёт арзиши танҳо иҷтимоӣ, маънавӣ ё сиёсӣ нест, балки арзиш ва унсури ҳунарӣ-эстетикӣ низ мебошад. Ба таъбири дигар, ҳувият дар адабиёт шохиси ҳунарӣ ҳам ҳаст. Гузашта аз ин, ҳувияти миллии адабии тоҷикон муҳимтарин унсури Истиқлоли миллист. Роҷеъ ба ин мавзуъ дар диссертатсия андешаю ақидаи М. Ҳотам, А. Додбеҳ, М. Имомзода, А. Мирхоҷа ва С. Анварӣ оварда шудаанд. Зерфасли охирини боби дуюм «Васфи арзишҳои муқаддаси миллӣ» ном дошта, мазмунҳои марбут ба муқаддасоти миллӣ – Офаридагор ва Қуръон, ки ҷузъи арзишҳои миллӣ ҳастанд ва ба ахлоқи поку накуи инсонӣ алоқаманд мебошанд, инчунин,

тарҳи мавзуъҳои Модар, Ватан, Ваҳдат, Озодӣ, Истиқлоли миллӣ ва Парчами Тоҷикистон дар ашъори Р. Ваҳҳобзода ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Фасли охири боби дуюм «Лирикаи медитативӣ-тасвирӣ» ном дошта, зери ин мафҳум ашъори ғиноие дар назар дошта шудааст, ки дар онҳо ҳам андеша ва ҳам тасвир ба ҳам омадаанд. Дар чунин шеърҳо маъмулан тасвир барои андеша хизмат мекунад. Доираи чунин лирика дар коргоҳи эҷодии Р. Ваҳҳобзода васеъ мебошад, ки онҳоро моҳиятан муҳаққиқ ба ду бахш: "васф ва тасвири табиат" ва "васфи инсони худогоҳ" табақабандӣ ва баррасӣ кардааст.

Боби сеюми диссертатсия «Хусусиятҳои ғоявию бадеии лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Фасли якум «Махсусиятҳои ғоявӣ» ва фасли дуюм «Санъат ва ҳунари шоирӣ» унвон дорад. Дар фасли якуми ин боб вижагиҳои махсуси эҷодиёти шоирон ба ду давраи таърихӣ - даврони Шӯравӣ ва замони Истиқлоли Тоҷикистон, ба намояндагии сафи пеши ин давраҳо таваҷҷуҳ шудааст, ки дар ин бахши диссертатсия оварда шудааст. Мафҳуми ваҳдат ва иттиҳод агарчи аз адабиёти деринсоли мо сар карда, то ба имрӯз яке аз мавзуъҳои меҳварии ашъори адибон бошад ҳам, вале баъд аз бенизомиҳои дохилию ҷанги таҳмилии Тоҷикистон нақши даъваткунанда ба сулҳу дӯстӣ, иттиҳод ва якпорчагии кишвар маънии тоза касб кард. Аз ҷумла, мавзуъҳои ваҳдат, истиқлолияти миллӣ ва ватандӯстию меҳанпарастӣ дар коргоҳи эҷодии шоир тассалут пайдо кард, ки аз паёмҳои ҷовидонае, амсоли Ватан, миллат, ифтихори миллӣ, Ваҳдат, Истиқлол, бузургдошти инсон, арҷи инсоният ва монанди инҳо фароҳам омадааст, ки дар боби дуюми диссертатсия оид ба ин мавзуъҳо намунаҳо оварда шудааст. Фасли дуюми боби сеюми диссертатсия «Санъат ва ҳунари шоирӣ» унвон дошта, дар он коркарди ҳунарӣ ва ороиши санъатҳои бадеии шеъри Рустам Ваҳҳобзода бо таваҷҷуҳ ба нерӯи тахайюл ва бо ҳисси маънавии шоир таҳқиқ ёфтааст. Аксари муҳаққиқон ва суханшиносон ҳам перомуни ашъори Р. Ваҳҳобзода ба

ҳамин ду паҳлуи эҷодиёти шоир андешаҳои судманд баён намудаанд, ки дар ин бахши диссертатсия баррасӣ шудаанд. Муҳаққиқ истифодаи санъатҳои бадеии гуногун, ба мисли ташбеҳ, ташхис, талмеҳ, тазмин, сифатчинӣ, лаффу нашр, тааҷҷуб, таҷоҳули ориф ва ғайраҳоро дар шеъри шоир муайян кардааст, ки доираи корбурдашон бо басомад ҷалби таваҷҷуҳ мекунад. Вале дар ин миён санъатҳои бадеии ташбеҳ, ташхис, талмеҳ ва тазмин аз дигар ороятҳои адабӣ бо басомади зиёд бартарӣ доранд.

Аз хулосаи диссертатсия бармеояд, ки дар ҷараёни омӯзиш ва натиҷаҳои таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мавриди баҳс қарордода муаллиф муайян ва мушаххас намудааст, ки дар ашъори шоир масъалаҳои иҷтимоӣ ба таври барҷаста таҷассум ёфта, завқи баланди эстетикӣ, ҳунари шоирӣ ва сабку услуби бадеӣ ба таври намоён зоҳир гардидаанд. Рӯйхати адабиёти дар диссертатсия истифодашуда бо мавзуи таҳқиқнамудаи муаллиф муносибати баланди мантиқӣ дошта, ҷиҳати илмию натиҷаҳои боварибахши таҳқиқро комилан таъмин менамоянд.

Дар баробари дастовардҳои илмии зикршуда диссертатсия аз нуқсу камбудиҳои ҷузъӣ низ холӣ нест, ки таъкид ва ислоҳи онҳо барои мукаммал шудани диссертатсия аз манфиат дур намебошад. Аз ҷумла:

1. Ба андешаи мо, фасли дуюми боби сеюмро вобаста ба санъат ва ҳунари шоирии Р. Ваҳҳобзода бояд ба зерфаслҳои алоҳида тақсим кард. Зеро, чунонки аз мухтавои боби мазкур дида мешавад, дар эҷодиёти шоир санъатҳои бадеии зиёд ва маҳорати баланди шоирии адиб ҷилвагарӣ кардааст. Бинобар ин, вобаста ба фарогирии мавзуъ ҳар яке аз онҳоро дар фаслҳои алоҳида ҷой додан арзиши корро меафзуд.

2. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия муаллиф аз иқтибосоти зиёде истифода мебарад, ки ба ҳусни таҳлил, муҳокима ва хулосабарорӣ халал ворид месозанд.

3. Ба андешаи мо, қисмати хотимавии фаслҳои бобҳои рисола пурра ва муфассал нестанд.

4. Дар рисола қисман хатоҳои техникӣ ва услубӣ ба назр мерасанд, ки ислоҳи онҳо баҳри манфиати кор мебуд.

Аммо хатоҳои номбаршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти таҳқиқоти анҷомшударо халалдор намесозанд, зеро онҳо хусусияти таҳририю ислоҳшаванда доранд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), баррасии осори илмии муаллиф дар шакли мақола, интишори маводи бойгонӣ, таҳлили ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ, таълифоти дар ин замина нашркардаи диссертант мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд.

Тавре ки аз феҳрасти таълифоти Миралиева Сарварбӣ Толибовна бармеояд, ӯ доир ба мавзуи таҳқиқи худ 7 номгӯйи корҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва маводи бойгониро нашр намудааст, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Аннотатсияи диссертатсия, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)», ки зери роҳбарии узви пайвастаи АМИТ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ иҷро шудааст, кори илмию тахассусии ба анҷомрасида буда, арзишманд дониста мешавад.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.

Диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори

дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 23–юми августи соли 2022, суратҷаласаи № 1/1 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:

номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Шамсов Н. С.**

Эксперт:

номзади илми филология, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Бобоалиева З. П.**

Котиби илмии ҷаласа:

номзади илми филология, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Раҳимова М. И.**

Имзоҳои н.и.ф. Шамсов Н.С., Бобоалиева З. П.
ва Раҳимова М. И. – ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода **Наҷмуддинов Ш. М.**

734019, ш. Душанбе, кӯчаи
Ф.Муҳаммадиев 17/6., тел.(+992 37) 232-50-00;
E-mail: shamsov1960@mail.ru.
24-уми августи соли 2022